Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Ҳолати муосир ва вазъи кунунии табдилпазирии низомҳои иқтисодӣ кишварҳоро водор намудааст, ки аз пешина дида ба соҳаҳои истеҳсолӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва тавассути ҷалби сармоягузориҳо бехатарии иқтисодӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти худро таъмин кунанд. Дар баробари ин, ҷумҳурии мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ қарор дода, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2025 коркард ва амалӣ карда истодааст, ки дар худ ҳалли масъалаҳои зеринро фарогир аст: барои расидан ба ин мақсад амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини самаранокӣ ва сифати онҳо, ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав зарур шуморида мешавад. Дар ин робита ҳалли масъалаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии кишвар, ки метавонад ба афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва инкишофи фаъолияти корхонаҳо мусоидат намояд, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии масъалаи таъмини сармоягузориҳои рушди соҳаҳои пешбари иқтисодиёт аз ибтидои солҳои истиқлолият сарчашма мегирад, аммо имрӯз низ барои самаранокии ин раванд бояд чораҳои муассир андешида шаванд. Айни замон, воқеият ин аст, ки ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ватанӣ аз рушду инкишофи саноати миллӣ вобастагии калон доранд.

Бинобар ин, имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои марбут ба таъмини

сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ аҳамияти бештарро ба худ касб кардаанд. Дар ин росто натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда бояд самтҳои сармоягузории рушди саноатикуниро муайян карда, сарчашма ва захираҳои маблағгузории тараққиёти корхонаҳои агросаноатиро барои оянда мешбинӣ намояд.

Ҳамаи ҳолатҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ Холов А.М. мубрамияти рӯзмарра дорад.

Дар автореферати диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтасар дида баромада шудаанд. Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикуниро баррасӣ намуда, унвонҷӯ сармоягузориро ҳамчун гузориши сармоя ба бизнес ё фаъолият ( агар ба қонуну санадҳои ҳуқуқӣ мухолифат накунанд) бо мақсади гирифтани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ тавсиф додааст.

Таҳлил ва баҳодиҳии таъмини срамоягузории рушди саноатикунонии кишвар низ шоистаи диққати махсус аст, ки дар натиҷаи он маҷмуи омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС мусоидаткунанда зоҳир карда шудаанд.

Инчунин, роҳу усулҳои навини пешниҳодшуда доир ба масъалаҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян карда шудани самтҳои асосии ин раванд қобили мулоҳиза аст, ки истифодашавии таҷрибаи хориҷиро дар фаъолгардонии унсурҳои мавҷудаи низоми сармоягузории соҳаҳои муҷтамаи саноатию аграрӣ пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса баровард, ки кори таҳқиқоти диссертатсионии Холов А.М. аҳамияти муайяни амалӣ дорад. Аҳамияти амалии он дар имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Пешниҳод ва тавсияҳоро оиди таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии кишвар метавон дар раванди коркард ва амалигардонии барномаю стратегияҳои соҳавӣ истифода кард.

Дар қатори бартариятҳои қайдкардашуда, дар таҳқиқоти мазкур чунин камбудӣ ба назар мерасад: унвонҷӯ қайд намудааст, ки дар рисола корхонаҳои саноати хӯрокворӣи вилояти Хатлон аз нигоҳи дар онҳо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ таҳқиқ шудаанд, аммо дар автореферат оиди самаранокии ин технологияҳои татбиқшуда таҳлили муайяне сурат нагирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки эроди таъкидшуда арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ дорад. Таҳқиқот мавзуи мубрамро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя ироагардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва тасаввуроти моро оиди таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ месозанд, ки ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат арзёбӣ менамоем, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи **«Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он - Холов А.М. дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад.

**Муқарриз:**

Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмиллалӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ),
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.
**Телефон:** (+992) 92777-77-35
**E-mail: t_rizokulov@mail.ru**

«Имзои РизозодаТ.Р -ро
тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирсоҷиев И.Б.

15. 06. 2024